# НАМУНАИ

## саволу масъалаҳои тест аз фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ (ҳуқуқи инсон) барои олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

## АСОСҲОИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ (ҲУҚУҚИ ИНСОН)

**1** **Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вазифаҳоро иҷро мекунад. Кадом вазифаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки ин санади ҳуқуқӣ дар натиҷаи тағйирёбии куллии ҳаёти ҷамъиятӣ қабул шуда, заминаи ҳуқуқию сиёсии инкишофи зинаи ояндаи ҷомеаро муайян менамояд?**

**A)** муассисӣ **B)** ташкилӣ **C)** сиёсӣ **D)** мафкуравӣ

**2** **Кӣ ваколати пешниҳод намудани бозхонди номзадии судяи Суди конститутсиониро дорад?**

**A)** узви Маҷлиси миллӣ
**B)** вакили Маҷлиси намояндагон
**C)** Раиси Суди конститутсионӣ
**D)** Президент

**3** **Назорати фаъолияти комиссия оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва муҳайё намудани шароит барои фаъолияти мунтазами комиссияи мазкур дар шаҳрак ва деҳот ба ваколати кӣ дохил мешавад?**

**A)** вакили ҷамоат
**B)** нозири минтақавӣ
**C)** вакили Маҷлиси намояндагон
**D)** Раиси ҷамоат

**4** **Муҳлати баррасии эътирози прокурорро муайян намоед.**

**A)** на дертар аз як моҳ
**B)** на дертар аз ду моҳ
**C)** на дертар аз даҳ рӯз
**D)** на дертар аз чордаҳ рӯз

**5** **Барои вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" кадом намуди ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст?**

**A)** ҷарима ва аз кор озод намудан
**B)** ҳабси маъмурӣ ва танбеҳи қатъӣ
**C)** огоҳӣ ва танбеҳ
**D)** ҷарима ва танбеҳи қатъӣ

**6** **Агар фарзанди ноболиғ воситаи нақлиётро идора карда бошад, падару модари ӯ ба кадом намуди ҷавобгарӣ кашида мешаванд?**

**A)** гражданӣ **B)** интизомӣ **C)** маъмурӣ **D)** ҷиноятӣ

**7** **Давомнокии вақти кори корманди ҳабдаҳсоларо дар як ҳафта муайян намоед.**

**A)** на зиёдтар аз 24 соат
**B)** на зиёдтар аз 30 соат
**C)** на зиёдтар аз 35 соат
**D)** на зиёдтар аз 40 соат

**8** **Муносибати шахсии ғайримолумулкиеро, ки бо молу мулк алоқаманд нест, муайян намоед.**

**A)** ҳифзи шаъну шараф
**B)** эҷод намудани асари бадеӣ
**C)** сохтани бино
**D)** ҳадяи тухфа

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**9** **Рӯёнидани ноустуворона ба кадом намуди тарзи моддии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дохил мешавад?**

A) тарзи амали ҷаримавӣ
B) тарзи амали барқароркунанда
C) тарзи амали пешгирикунанда
D) тарзи амали мурофиавӣ

**10** **Муҳлати пешниҳоди рухсатии бемузди меҳнатиро ба корманде, ки шахси бемори аъзои оиларо нигоҳубин мекунад, дар асоси аризааш (бе додани варақаи корношоямии меҳнатӣ ё ҳуҷҷати ивазкунандаи он), муайян намоед.**

A) то як моҳ дар як сол
B) то ду моҳ дар як сол
C) то чордаҳ рӯзи тақвимӣ
D) то бист рӯзи тақвимӣ

**11** **Кадом модели рушди коррупсияро ҳамчун коррупсияи иҷтимоӣ низ арзёбӣ кардан мумкин аст?**

A) осиёгӣ
B) аврупоии ғарбӣ
C) африқоӣ
D) америкоии лотинӣ

**12** **Дар кадом ҳолат аз манзил кӯчонидани шахс бо додани манзили истиқоматии дигар имконпазир аст?**

A) Агар шахс хонаи истиқоматиро худсарона ишғол карда бошад.
B) Агар шахс аз ҳуқуқи падару модари маҳрум гардида бошад ва зиндагии муштарак бо фарзандоне, ки ин шахс аз ҳуқуқи падару модарӣ ба онҳо маҳрум гаштааст, имконнопазир дониста шуда бошад.
C) Дар сурати қатъ гардидани қарордоди меҳнатӣ бо ташкилоте, ки манзилро додааст.
D) Агар шахс хонаи истиқоматиро тибқи таъиноташ истифода набарад ва чораҳои огоҳонӣ ва таъсиррасонии ҷамъиятӣ ба ӯ бе натиҷа монда бошанд.

**13** **Давомнокии танаффус барои дамгирӣ ва хӯрокхӯрӣ аз чанд соат набояд зиёд бошад?**

A) аз як соат
B) аз ду соат
C) аз дуюним соат
D) аз се соат

**14** **Сухани "Инсондӯстӣ реша ва меваи накукорист: оне сазовори таъзим кардан аст, ки соҳиби ин хислат мебошад."-ро кӣ гуфтааст?**

A) Сперанский
B) Арасту
C) Кант
D) Конфутсий

**15** **Мазмуни мафҳуми "давлати кори кироя"-ро тибқи Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо муайян намоед.**

A) Давлате, ки шахси дахлдор шаҳрванди он мебошад.
B) Давлате, ки дар он вобаста ба воқеаи мушаххас коргари муҳоҷир бо фаъолияти бамузд машғул аст.
C) Давлате, ки шахси дахлдор дар он таваллуд шудааст.
D) Давлате, ки коргари муҳоҷир ҳангоми рафтан ба кори кироя ба давлати дигар ва аз он ҷо баргаштан ба воситаи он давлат мегузарад.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**16** **Кадом санади ҳуқуқии байналмилалӣ ҳимояи занон ва кӯдаконро ҳангоми низоъҳои мусаллаҳона ба танзим медарорад?**

A) Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

B) Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар навъҳои муносибатҳои золимонаю ғайриинсонӣ ё пасткунандаи қадру қимат ва ҷазодиҳӣ

C) Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон

D) Конвенсияи Чоруми Женева

**17** **Таъмини баробарии гендерӣ дар шароити идоракунии демократӣ дар замони осоишта ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ яке аз мақсадҳои стратегии кадом созмони байналмилалӣ мебошад?**

A) ТБМ B) ЮНИФЕМ C) ЮНИСЕФ D) КБСС

**18** **Талаботеро, ки ба он мӯҳлати даъво татбиқ мегардад, муайян намоед.**

A) талаботи амонатгузарон ба бонк оид ба пардохти амонат

B) талабот оид ба товони зиёне, ки ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд расонида шудааст

C) талаботи молик ё дигар соҳиби molу мулк оид ба рафъи ҳама гуна вайронкунии ҳуқуқи ӯ, ҳарчанд ин ҳуқуқвайронкуниҳо бо маҳрум кардан аз соҳибият алоқаманд намебошанд

D) талаботи меросхӯр оид ба қабули мерос

**19** **Ипотека чист?**

A) Навъи гаравест, ки молу мулки ба гарав гузошташуда тасарруфӣ ва дар истифодаи гаравдеҳ ё шахси сеюм боқӣ мемонад.

B) Навъи гаравест, ки ҳангоми он молу мулки ба гарав гузошташуда аз ҷониби гаравдеҳ ба соҳибии гаравгир дода мешавад.

C) Бонк ё дигар ташкилоти кредитӣ бо хоҳиши шахси дигар уҳдадории хаттӣ медиҳад, ки дар сурати иҷро накардани уҳдадории шартномавӣ аз ҷониби қарздор ба кредитор маблағи муайянро медиҳад.

D) Маблағи пулиест, ки як тарафи шартнома аз ҳисоби маблағе, ки вай бояд пардохт намояд, ба тарафи дигари шартнома барои исботи бастани шартнома ва таъмини иҷрои он ба ҳисоби тарафи дигар мегузаронад.

**20** **Корманд аз истифодаи рухсатии меҳнатӣ дар мӯҳлати ба он муайяншуда то охири соли корӣ бе асоси қонунӣ даст мекашад. Корфармо ҳуқуқ дорад, ки рухсатии кормандро ба вақти дигар нагузаронад ва рухсатии истифода нашударо бо маблағи пулӣ ҷуброн накунад. Дар кадом ҳолат корфармо чунин ҳуқуқро надорад?**

A) аз кор озод намудани корманд

B) даъват ба хизмати ҳарбӣ

C) бемории корманд

D) зарурияти ниҳоӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## КОРИ ХАТТӢ

**1. Истилоҳро муайян карда, дар ҷойи холии мувофиқ нависед.**

| | |
|---|---|
| Шакли асосии фаъолияти Маҷлиси вакилони халқ | |
| Ҳуқуқу озодиҳое, ки танҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дошта, ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии мамлакат иштирок намоянд. | |
| Ҳуқуқу озодиҳое, ки ба инсон ва шаҳрванд сатҳи арзандаи зисту зиндагониро фароҳам меоранд. | |
| Чораҳои моддӣ-мурофиавии ҳуқуқие, ки хусусияти маҷбуркунанда доранд ва ба воситаи онҳо барқароркунии ҳуқуқҳои вайронкардашуда ва анҷомдодашуда ва таъсиррасонӣ ба ҳуқуқвайронкунанда амалӣ карда мешавад. | |
| Дар зери ин мафҳум имконияти бо қонун эътирофшудаи субъекти ҳуқуқи маъмурӣ будан, доштани ҳуқуқ ва уҳдадории характери маъмуриву ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. | |
| Таҳия ва мунтазам амалисозии чорабиниҳои давлатӣ оид ба решакан кардани сабабҳо ва шароитҳоест, ки ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунад. | |
| Маълумот оид ба соҳаи мудофиа, иқтисодиёт, муносибатҳои беруна, амнияти давлатӣ ва ҳимояи тартиботи ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби давлат ҳифз мегарданд ва паҳн кардани онҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонида метавонад. | |
| Омезиши навъҳои гуногуни чорабиниҳои оммавӣ аст. | |
| Низоми ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие мебошад, ки ба ҳар кас дода шудааст ва он муносибатҳои инсонро бо давлат, ҷомеа ва фардҳои алоҳида муайян месозад. | |
| Принсипи ифодакунандаи гуногунрангии сиёсӣ ва идеологӣ, имконияти дар ҷомеа озодона арзи вуҷуд кардани ақидаҳои гуногуни сиёсӣ, мактабҳо, идеологияҳо, ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ ва иттиҳодяҳои ҷамъиятӣ бо ҳадафҳо ва барномаҳои гуногун мебошад. | |

| ! | Холи имконпазири ҳадди аксар – 20, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2 хол. |
|---|---|

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**2. Калимаҳои даркориро ба ҷумлаҳо навишта, меъёрҳои Конститутсияро пурра намоед.**

1. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ ________________________________ ва ________________________ аст. (2 хол)
2. Салоҳияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соҳаи _______________, ___________________, __________________ ва ваколатҳои дигари вилоятро қонуни конститутсионӣ танзим мекунад. (3 хол)
3. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз ___________________ амал мекунад. (1 хол)
4. Тафсири Конститутсияро Маҷлиси Олӣ бо тартиби муқарраргардида дар шакли ___________________ қабул менамояд. (1 хол)
5. Ҳокимияти маҳаллӣ аз мақомоти ___________________ ва ___________________ иборат буда, дар доираи салоҳияти худ амал мекунад. (2 хол)

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 9

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**3. Номи мақомоти оинномавии ИДМ-ро дар бандҳои холӣ нависед.**

| | |
|---|---|
| а) | |
| б) | |
| в) | |
| г) | |
| ғ) | |
| д) | |
| е) | |
| ё) | |

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 8, барои ҳар ҷавоби дуруст – 1 хол.

**4. Қоидаҳои Пекинӣ кадом принсипҳои роҳбарикунандаи баровардани қарорҳои суд ва интихоби чораҳои таъсиррасониро пешбинӣ менамояд?**

| | |
|---|---|
| а) | |
| б) | |
| в) | |
| г) | |
| ғ) | |
| д) | |

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 12, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2 хол.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**5. Дар кадом ҳолат тибқи моддаи 1115 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зарари маънавӣ, сарфи назар аз гуноҳи зараррасон, ҷуброн карда мешавад?**

| | | |
|---|---|---|
| а) | | 2 хол |
| б) | | 6 хол |
| в) | | 3 хол |

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 11